## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» ба нақша гирифтааст, ки санаи 14 октябри соли 2026 конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзуи «Сайёҳӣ ва тамоюлҳои муосири муошрати байнифарҳангӣ» дар доираи Форуми байналмилалии «Сайёҳии устувор ва мероси фарҳангӣ» (ДБССТ, 13-18 октябри соли 2026) баргузор намояд.

Барои иштирок дар конференсия намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, созмонҳои байналмилалӣ, инчунин олимон, коршиносон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, фарҳанг, забоншиносӣ ва коммуникатсия даъват карда мешаванд.

Дар доираи конференсия муҳокимаи масъалаҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

1. Сайёҳӣ ҳамчун фазои муколамаи байнифарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.
2. Асосҳои назариявӣ ва методологии муошрати байнифарҳангӣ дар соҳаи сайёҳӣ.
3. Нақши мероси таърихию фарҳангӣ ва анъанаҳо дар рушди муколамаи байнифарҳангӣ.
4. Тамоюлҳои муосири сайёҳии байналмилалӣ ва шаклҳои нави ҳамкории байнифарҳангӣ.
5. Рақамикунонӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ дар тағйирёбии коммуникатсияҳои сайёҳӣ.
6. Бисёрзабонӣ, тарҷума ва таъмини забонии хизматрасониҳои сайёҳӣ.
7. Салоҳиятҳои байнифарҳангӣ ва омодасозии мутахассисон барои соҳаҳои сайёҳӣ ва меҳмондорӣ.
8. Сайёҳии этнофарҳангӣ ва гастрономӣ ҳамчун воситаи муколамаи фарҳангҳо.
9. Сайёҳии устувор ва ҳифзи гуногунрангии фарҳангӣ дар шароити рушди босуръати соҳа.
10. Тасвири кишвар ва брендинги маконҳои сайёҳӣ дар фазои коммуникатсияи байналмилалӣ.
11. Хусусиятҳои муошрати байнифарҳангӣ дар хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ.
12. Нақши ҷавонон, таҳсилот ва табодули академӣ дар таҳкими ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ.
13. Таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар рушди сайёҳӣ ва коммуникатсияи байнифарҳангӣ.

Маводи конференсия ба шакли маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ нашр мегардад.

Барои иштирок дар конференсия, иштирокчиён бояд то 5 октябри соли 2026 дархост ва матни электронии мақолаи илмии худро тибқи талаботи муқарраргардида ба почтаи электронии: nek-kudratov@mail.ru ирсол намоянд.

Забонҳои корӣ: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

Ҷойи баргузорӣ: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Шакли баргузорӣ: ҳузурӣ ва фосилавӣ.

Ҳамаи хароҷоти вобаста ба будубоши иштирокчиён, аз ҷумла ҷойгиронӣ, нақлиёти маҳаллӣ ва чорабиниҳои ташкилии марбут ба конференсия, аз ҷониби муассисаи қабулкунанда – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – пурра пардохт карда мешаванд, ба истиснои хароҷоти вобаста ба парвозҳои байналмилалӣ.

**Тамос:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.

**Тел.:** (+992) 935960001

**Шахсони масъул:** Қудратов Некрӯз Абдунабиевич

**ТАЛАБОТИ ТАҲИЯИ МАВОД**

Матнҳои маърӯзаҳо бояд ба шакли мақола дар ҳаҷми на зиёда аз 10 саҳифа ба почтаи электронии m.umrillo@gmail.com ирсол ё ба Кумитаи тадорукот дар шакли электронии Word (*.docx) пешниҳод карда шаванд. Ҳошияҳо: 2 см аз ҳама тараф; ҳуруф: Times New Roman; андоза: 14; фосилаи байни сатрҳо: 1,5; танзими матн: мувофиқ ба паҳнои саҳифа бе интиқоли калимаҳо; фосилаи сарсатр: 1,25 см. Дар гӯшаи болоии тарафи рост ҳарфҳои аввали ном ва насаби муаллиф, ҷойи кор, вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ, рақами телефон ва почтаи электронии муаллиф зикр карда мешаванд. Сарлавҳаи мақола ва тарҷумаи он ба забони англисӣ бо ҳарфҳои калон дар маркази саҳифа навишта мешавад. Пеш аз матни асосӣ аннотатсия (то 500 аломат) ва калимаҳои калидӣ (5-6 калима) бо тарҷумаи англисӣ ҷойгир карда мешаванд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда тибқи талаботи стандарти ГОСТ Р 7.07-2009 тартиб дода мешавад. Истинодҳо дар матн дар қавсҳои мураббаъ, масалан [15, с. 248], ишора карда мешаванд. Истифодаи истинодҳо дар шакли поварақ иҷозат дода намешавад. Тасвирҳо ва ҷадвалҳо бояд унвон дошта бошанд; унвони тасвир дар зери он ва унвони ҷадвал дар болои он ҷойгир карда мешавад. Тасвирҳо бояд мувофиқи паҳнои матн дар формати *.jpg таҳия шаванд. Рӯйхати адабиёт ба таври дастӣ рақамгузорӣ карда мешавад.